ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Ятимов Ҳомид Тоҳирович дар мавзуи «Асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика)

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Ятимов Ҳомид Тоҳирович дар мавзуи «Асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 22- юми августи соли 2026 суратмаҷлиси №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. Шерматов Д.С. – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯи ихтисоси 5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ) профессор - раиси комиссия;

2. Мавлоназаров С.С. – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯи ихтисоси 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ), дотсент – узви комиссия;

3. Ҳабибуллозода К.Ҳ. – муовини декан оид ба илм ва инноватсяи факултети технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилооти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон – узви комиссия;

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Ятимов Ҳомид Тоҳировичро пас аз омӯзиши амиқ ва мавриди баррасӣ қарор додан ба хулосае омад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун кори пурра ба анҷом расида ва мустақили илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд ва ҷавобгу ба талаботи илмии муосир иҷро гардидааст.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди илму техникаи кишвар ва барномаи давлатии «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии донишҷӯёни ихтисоси информатика мувофиқ буда, натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Комиссия қайд менамояд, ки рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти информатика бахшида шудааст. Таҳлили

асосҳои методологӣ ва назариявии сатҳи омодагии тайёрии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои самти информатика дар асоси нақшаву барномаҳои тахассусии таҳсилотӣ ва таълимӣ, мазмун ва мундариҷаи китобҳои таълимӣ бо мақсади пайдо намудани роҳу усулҳои фаъоли таълимӣ ва баланд рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика мусоидат менамояд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Масъалаи мавриди таҳқиқ дар доираи проблемаҳои актуалии раванди таълим ва тайёр намудани омӯзгори ояндаи самти информатика қарор дошта, ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти замони муосир ва талаботи бозори меҳнат мебошад.

Таҳқиқоти мазкур бо як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии моликияти зеҳнӣ, Консепсияҳои амният ва сиёсати давлатии иттилоотӣ, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён нигаронида шудаанд, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисос барои рақамикунонии соҳаҳо ҳамоҳанг мебошад, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ», «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоотӣ» ва дигар санадҳои ҳуқуқии соҳаи амнияти иттилоотӣ ва самтҳои афзалиятноки илмӣ робитаи бевосита дорад.

Таҳқиқот аз рӯйи мазмуну муҳтаво, равиши илмӣ ва тарзи татбиқи натиҷаҳо ба талаботи муосири соҳаи таҳсилоти касбӣ мутобиқ буда, барои амалишавии мақсадҳои сиёсати илмӣ ва маорифӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои самти информатика мусоидат менамояд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Тавассуси иштироки ҳузурӣ ва фосилавӣ дар ҳамоишҳои илмӣ, семинару конференсияҳои сатҳои гуногун 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавнадаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии ФР ворид гардида ва 9 мақолаи илмӣ дар дигар маводи нашрӣ ба нашр расонида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ-педагогӣ ва методӣ асоснок намудани амсилаи рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар МТОК-и ҶТ ва санҷиши самаранокии он дар раванди таълим мебошад.

Вобаста ба мақсад, объекти таҳқиқот ва хусусиятҳои предмети омӯзиш**, вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда шуданд:

1. Таҳлили адабиёти таълимӣ, илмӣ ва методӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи омодасозии омӯзгорони ояндаи информатика оид ба амнияти иттилоотӣ;

2. Таҳлили назариявӣ-методологӣ ва таҷрибаи мавҷудаи омодасозии омӯзгорони ояндаи информатика оид ба амнияти иттилоотӣ;

3. Муайян намудани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рақобатпазирии омӯзгорони ояндаи информатика оид ба амнияти иттилоотӣ;

4. Таҳия ва асосноккунии амсилаи рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика;

5. Ташкил ва гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷиҳати санҷиши самаранокии амсилаи таҳияшуда ва таҳияи тавсияҳои амалӣ.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро тавзеҳ ва такмили мафҳумӣ-категориявӣ, асоснокунии назариявии амсилаи педагогӣ, муайян намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сифат, муайян кардани зиддиятҳои назариявӣ ва амалӣ ташкил карда, таҳқиқот ба ошкор ва таҳлили зиддиятҳои мавҷуда байни талаботи бозори меҳнат ва сатҳи

воқеии омодасозии омӯзгорони ояндаи информатика оид ба АИ мусоидат намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро пешниҳоди амсилаи амалии омодасозӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон, пешниҳодот ҷиҳати такмили барномаҳои таълимӣ, дарёфти роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагон ва саҳмгузорӣ дар таъмини амнияти миллии иттилоотӣ дар бар гирифта, омодасозии омӯзгорони ояндаи информатика дар соҳаи АИ ба таҳкими амнияти иттилоотии кишвар, ҳифзи инфрасохтори муҳим ва мубориза бо таҳдидҳои киберӣ саҳми назаррас мегузорад.

Сохтори муқаддима, мазмун ва пайдарҳамии бобҳои рисолаи диссертатсионӣ мутобиқ ба талаботи муқарраргардидаи стандартҳои таҳияи корҳои илмии таҳия гардида, пайгирии мантиқӣ ва таносуби методологӣ байни қисматҳои он пурра риоя шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар рисолаи диссертатсионӣ бо таҳлили амиқи назариявӣ ва таҷрибаи амалии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, бо далелҳои мӯътамал ва таҳқиқоти эмпирикӣ тақвият дода шудаанд. Маводи пешниҳодгардида пурра ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

Хулоса

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ятимов Ҳомид Тоҳирович дар мавзуи « Асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) пешнишод гардидааст, кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ятимов Ҳомид Тоҳировичро дар мавзуи «Асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард:

Қарори комиссияи экспертӣ:

1. Диссертатсияи Ятимов Ҳомид Тоҳирович дар мавзуи «Асосҳои методии рушди салоҳиятҳои амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267, ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсияи мазкур мутахассисони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Файзализода Бахрулло Файзалӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар Душанбе ва **Холов Абдураҳмон Абдуғаффорович** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи физикаи тиббӣ ва информатикаи ба номи Саъдулло Ситамови Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

4. Ба нашру панҳкунии автореферат ва диссертатсия, инчунин барои дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физика-математика,
профессор Шерматов Д.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мавлоназаров С.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Ҳабибуллозода К.Ҳ.

Имзои д.и.ф-м., профессор Шерматов Д.С. н.и.п. Мавлоназаров С.С. ва н.и.п. Ҳабибуллозода К.Ҳ. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС